**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-59-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи номзмдии Мирзоев Садриддин Талбакович ба яке аз масъалаҳои мубрами институти ҷазои ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда дорои хусусиятҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Он чунин муайян мегардад, ки институти ҷазо дар ҳама давру замон яке аз воситаҳои ҳимояи муносибатҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ҳифзшавандаи умумибашарӣ аз таҷовузи ҷинояткорӣ эътироф мегардид. Дар марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ ба ин институт дар мубориза бо ҷинояткорӣ афзалияту бартарият дода мешуд, аммо вақт ва таҷрибаи иҷтимоӣ нишон дод, ки муносибати ҷазодиҳӣ дар ҳалли ин масала нокифоя буда, тақиқотҳои заруриро талаб менамояд.

Чӣ тавре худи муаллифи диссертатсия қайд менамояд, яке аз мушкилотҳое, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ айни замон ҷой дорад – ин муаян ва амалӣ намудани чораҳои самараноки таъсиррасонӣ ба шахсони ҷиноят содиркарда мебошад, зеро маҳз аз ин таъсиррасонӣ ноил гардидан ба мақсадҳои ҷазоҳои таъингардида, вобастагии калон дорад. Чарима ҳамчун яке аз ҷазоҳои алтернативӣ бештар аз тарафи мақомоти судӣ нисбати шахсони ҷиноят содиркарда татбиқ мегардад. Гувоҳи ин гуфтаҳо рақамҳои овардаи муаллиф аз таҷрибаи судӣ вобаста ба таъини

ҷазои ҷарима мебошанд (дар соли 2011 – 24,4%, дар соли 2012 – 25,4%, дар соли 2013 – 32,4%, дар соли 2014 – 37,2 %, дар соли 2015 – 33,5 %, дар соли 2016 – 32,0%, дар соли 2017 – 31,6%) (саҳ. 4).

Лозим ба зикр аст, ки ҳангоми татбиқ намудани ҷазои ҷарима, масъалаи самаранокии он ба вуҷуд меояд, ки аз омилҳои гуногун иборат аст. Аз ин лиҳоз мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф, инчунин бо он муайян мегардад, ки мушкилоти татбиқи ҷазо дар намуди ҷарима гуногунҷанба буда, он дар худ на танҳо масъалаҳои ҳуқуқи-ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, балки масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки бо муайян намудани табиати ин намуди ҷазо, муайян намудани ҳудуди татбиқи он, тамоюли умумии инкишофи он алоқаманд мебошанд, дарбар мегирад.

Инчунин, Қоидаҳои стандарти ҳадди ақалли СММ аз 14 декабри соли 1990 дар иртибот ба чораҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд (Қоидаҳои токиёӣ) пешниҳод менамояд, ки таҷрибаи татбиқи ҷазоҳоеро, ки алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ мебошанд, мунтаззам таҳлил карда шаванд, чунки ин имкон медиҳад, ки самаранокии онҳо баҳо дода шуда, сари вақт ба танзими қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ислоҳоти дахлдор ворид карда шавад. Ҳамчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали 2018 пешбинӣ менамояд, яке аз самтҳои асосии рушди ҳуқуқи миллӣ ин таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда мебошад (саҳ. 5). Аз ин рӯ, самаранокии ҷазоҳои ҷиноятӣ, аз он ҷумла ҷазои ҷарима пеш ах ҳама аз гузаронидани таҳлилҳои илмӣ он хеле вобастагии зиёд доранд, зеро натиҷаҳои онҳо ба татбиқи дурусти ҷарима таъсири бевосита мерасоснад.

Холатҳои дар боло номбаргардида дар умумият мубрам будани мавзӯи интихобнамудаи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Садриддин Талбаковичро муайян мекунанд, ки ба таҳқиқи комплексии ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона гардидааст.

Муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи 3 боб ва 8 зербоб моҳияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ намояд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертационӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи мавзӯъ таҳлил гардида, объект ва предмети он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрии таҳқиқот, инчунин заминаи эмпирикии диссертация, навгонии илмии таҳқиқот мушаххас гардидаанд, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо муайян карда, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия – “Ҷарима дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ” аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб муаллиф ҷаримаро дар таърихи қонунгузории ҷиноятии замони шӯравии Тоҷикистон, давраи муосир ва амалкунанда мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, анҷом додааст.

Боби дуюм “Танзими ҳуқуқии ҷарима тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз чор зербоб иборат аст. Дар ин боб муаллиф мафҳум ва моҳияти ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ баррасӣ намуда, масоили танзими қонунии андозаи ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он, ҷарима ҳамчун чораи ҷазои иловагӣ, аз

тарафи судҳо татбиқ гаштани ҷарима ҳамчун намуди ҷазо, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст.

Боби сеюм бо номи “Масъалаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима” ду зербобро дарбар гирифтааст. Дар онҳо муаллиф масоили тартиби иҷрои ҷазоро дар намуди ҷарима ва саркашӣ намудан аз пардохти ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, зери таҳқиқ қарор додааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур яке аз нахустин таҳлилҳои диссертатсионии ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи КҶ ҶТ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ маҳсуб мешавад. Дар диссертатсия ҳама масъалаҳо оид ба ҷазои ҷарима, махсусан масоили мафҳум ва моҳияти ин ҷазо, танзими қонунии андозаи ҷазои ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он, ҳамчун чораи ҷазои иловагӣ истифода намудани ҷарима, аз тарафи судҳо татбиқ гаштани ҷарима ҳамчун намуди ҷазо, тартиби иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима, масъалаҳои саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта, баррасӣ гардидаанд, ки онҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ ҳисоб мешаванд. Инчунин муаллиф нуқтаи назари хешро оиди ҳамаи масоили номбаргардида асоснок намуда, пешниҳодҳои муфид намудааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаҳо ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин таҷрибаи судӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Таҳлили дурусти масоили дар диссертатсия гузошташуда, бо истифода аз ақидаҳои олимон, хулосаҳо ва мафҳумҳои илмӣ, инчунин муайян намудани мушкилоти татбиқи ҷарима ва роҳҳои ҳал намудани онҳо, асоснок намудани фикру андешаҳои худ ва дар баҳсҳои илми моҳирона иштирок немудани муаллиф, аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мустақилона навишта шудааст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии диссертатсия баъзе фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои баҳсталаб ба назар мерасанд:

1. Унвонҷӯ дар зербоби 2-юми боби 1-ум таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ба анҷом расонидааст, ин барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон доранд. Аммо, муаллиф доираи таҳлили ин мавзӯъро маҳдуд намуда танҳо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба фикри мо мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф ҳангоми таҳили ин мавзӯъ баррасӣ намудани қонунгузории давлатҳои хориҷи дурро низ, ки низоми ҳуқуқиашон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунад, ба роҳ мемонд. Аз ин рӯ, ба фикри мо, унвоҷуро зарур мебуд, ки дар баробари таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин ба қонунгузории давлатҳои дигар, махсусан давлатҳое, ки низоми ҳуқуқиашон ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон романо-олмонӣ нест, (масалан низоми ҳуқуқии Англо-саксонӣ) назар мекард.

2. Ҳангоми баррасии зербоби 2-юми боби 2, яъне таҳлили масоили танзими қонунии андозаи ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он, пешниҳод менамояд, ки бояд ислоҳоти дахлдори муқарраротиКҶ ҶТ оид ба ҷарима ҳамчун намуди ҷазо гузаронида шуда, ҳаҷми ин ҷазо на бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо, балки бо асъори миллӣ муайян карда шавад. Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусияти хоси муайян намудани

нишондиҳанда барои ҳисобҳо – ин ба назар гирифтани сатҳи таваррум мебошад. Аз ин рӯ, маълум аст, ки сатҳи таваррум дар тамоми дунё, инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирёбанда аст, ки бо тағйир ёфтани он андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо низ тағйир меёбад, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020" андозаи он 58 сомониро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ба фикри мо ин пешниҳоди унвонҷӯ ба асоснок намоии иловагӣ ниёз дорад.

3. Бо дар назардошти он, ки унвонҷӯ дар рисолаи диссертатсионӣ ҳангоми таҳлили масоили ҷарима ҳамчун чораи ҷазои иловагӣ муқаррароти қонунро нисбати баъзе аз санксияҳои ҷиноятҳои дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба монанди м. 259, 263 нишон додааст (саҳ. 106-107), аммо таҳлилҳои алоҳида оиди он ки барои кадом намуди ҷиноятҳои иқтисодӣ имконияти таъин кардани ҷарима ҷой дорад, ба анҷом расонида нашудаанд. Ҳол он ки худи муаллифи рисолаи диссертатсионӣ ҷазои ҷаримаро ҳамчун яке аз ҷазои самараноки хусусияти таъсирбахшии молумулки дошта, эътироф менамояд. Аз ин рӯ хуб мешуд, ки ҳангоми ҳимояи рисолаи номзадӣ, оиди ин масоил андешаи унвонҷӯ шунида мешуд.

Албатта, камбудиҳои дар боло овардашуда хусусияти фикри субъективиро дошта, ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардаи Мирзоев Садриддин Талбакович аз рӯи мантиқ дуруст мебошанд ва илман аз тарафи муаллиф асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, мумкин аст ҳангоми пеш бурдани фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ, васеъ истифода бурда шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Аз рӯи маълумотҳои ба мо расида, Мирзоев Садриддин Талбакович аз соли 2014 то ин ҷониб ба

ҳайси ассистент дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Чунин фаъолияти ӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии Мирзоев Садриддин Талбакович барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон алоқамандии диссертатсия бо ихтисоси мазкур дида мешавад. Яъне диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти татбиқи ҷазои ҷарима» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Мирзоев Садриддин Талбакович муаллифи 13 мақолаи илмӣ мебошад, ки онҳо ба татбиқи ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Муаллиф аз соли 2014 то инҷониб дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо маърӯзаҳои илмӣ баромад кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт,

гузориши масъала дар диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба татбиқи ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ пешниҳодҳо оварда шуданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боби фарогири ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Ҳамчунин омӯзиш ва мутолиаи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ дар риштаи ҳуқуқ, ки бо мавзӯи ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он алоқамандӣ доранд, манфиатбахш мебошад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович, ки ба мавзӯи "Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст, ба талаботи банди 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат намуда, таҳқиқоти илмии тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамият дошта, дар роҳи ҳал ва коркарди навъи илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки ба рушди кишвар мусоидат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Садриддин Талбакович барои дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ такмил ёбад. Хулосаҳо, пешниҳодҳо ва дастовардҳои муаллиф дар минбаъда барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷиҳатҳои инноватсионии тадқиқоти анҷомдода дар он аст, ки ба қонуниятҳои таҳлили илмӣ ва услуби хоса асос ёфта, ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи онро ифода мекунад. Дар таърихи илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаи муҳими дониши назариявӣ ва амалӣ оид ба татбиқи ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар қисме, ки масъалаҳои таъин ва иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима танзим шудааст, инчунин дар кори хадамоти иҷро, барои баланд бардоштани самаранокӣ дар амалигардонии ҳукмҳои судӣ оид ба ҷарима, дар кори педагогӣ-таълимӣ ҳангоми омӯзиши курсҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» дар курси махсуси «асосҳои умумии таъини ҷазо» ва ғайра, истифода шаванд.

Хулоса, Мирзоев Садриддин Талбакович сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 78-

85-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азимзода Н.Б.**

**Имзои Азимзода Н.Б.-ро тасдиқ мекунам.**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмудинов Ш.М.**

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6). Тел: +992-372-32-50-00. **Факс:** +992-372-32-50-03. E-mail: ddzt@ddzt.tj. http://ddzt.tj